# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи “Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқ ва баррасии осори илмии А. Саъдуллоев ва таҳқиқоти ӯ дар соҳаи публитсистика яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ дар бахши журналистика ба ҳисоб рафта, муҳаққиқ Сироҷзода Нигина Раҷаб таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ таҳқиқоти арзишмандеро анҷом додааст.

Диссертатсияи пешниҳоднамудаи диссертант ба мавзуе бахшида шудааст, ки аз нигоҳи назариявию амалии журналистика ва публитсистика аҳаммияти хоса дошта, ба таҳқик ва таҳлили ҳамаҷонибаи осори илмӣ ва публитсистии профессор Асадулло Саъдуллоев, ки яке аз чеҳраҳои барҷаста ва муассири илму публитсистикаи тоҷик мебошад, кӯшиш намудааст.

Муаллиф дар рисолаи худ саҳми А. Саъдуллоевро дар таҳқиқи насри мустанад, назария ва амалияи публитсистика, ташаккули жанрҳои мухталифи публитсистӣ ва рушди мактаби илмии соҳа равшан нишон медиҳад. Хусусияти мусбати кори таҳқиқотӣ дар он аст, ки маводи фаровони аввалия, аз ҷумла китобҳои илмӣ, мақолаҳо, дастурҳои таълимӣ ва асарҳои публитсистии муҳаққиқ мавриди истифода қарор гирифта, ба таҳлили амиқи мавзуъ мусоидат намудааст.

Аз автореферати муҳаққиқ Сироҷзода Нигина Раҷаб маълум мегардад, ки диссертатсия аз назари сохторӣ аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл ва хулосаву феҳрасти адабиёт иборат аст. Дар муқаддима мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муаррифӣ шудааст.

Боби аввали диссертатсия – “Назаре ба ҳаёт ва зиндагиномаи профессор А. Саъдуллоев” унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли

аввали боби якум “Мухтасари зиндагиномаи А. Саъдуллоев” мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Дар фасли дуюм ва сеюми боби якум “Фаъолияти рӯзноманигории А. Саъдуллоев” ва “Фаъолияти омӯзгорӣ”-и ӯ бо такя ба таҳқиқоту андешаҳои муҳаққиқ ва донишмандони соҳа мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳқиқи публитсистикаи муосир дар осори А. Саъдуллоев» номгузорӣ шуда, дар фасли аввал «Таҳқиқи масъалаҳои назарӣ дар публитсистикаи муосири тоҷик» мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифта, дар он асарҳои А. Саъдуллоев, ки самти асосии фаъолияти эҷодӣ ва илмӣ ба монанди таҳқиқи таъриху назарияи журналистика, жанрҳо ва проблемаҳои публитсистикаро ташкил медиҳад, баррасӣ гардидаанд.

Фасли дуюми боби дуюм «Проблемаҳои рушди публитсистикаи тоҷик», ки дар таҳқиқоти профессор А. Саъдуллоев омӯхта шуда, ба ҳар як ҷузъиёти он баҳогузорӣ шудааст, таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

Дар фасли сеюми боби дуюм «А. Саъдуллоев ва таҳқиқи публитсистикаи М. Турсунзода» баррасӣ мешавад.

Боби сеюми диссертатсия – «Мактаби илмии А. Саъдуллоев» аз се фасл иборат аст. Дар фасли якуми боби сеюм «Таҳқиқи публитсистика дар мактаби илмии А. Саъдуллоев», дар фаслҳои дуюм ва сеюми боби сеюм «Мактаби илмии А. Саъдуллоев дар таҳқиқи журналистика» ва «Таснифоти мухтасари осор» маврди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар заминаи таҳқиқоти баанҷомрасонида хулосаҳои ҷузъӣ ва умумие ҳосил намудааст, ки дар поёни фаслу бобҳо ва дар қисми хулоса ҷой дода шудааст.

Таҳқиқот арзиши баланди назарӣ ва амалӣ дошта, бори аввал ҷойгоҳи матбуоти ҳизбӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди пажуҳиши диссертатсионӣ қарор дода шудааст.

Ҳамин тариқ, аз назари арзиши илмӣ, навоварӣ ва ҳунари таҳқиқу таҳлили муаллиф шоистаи таҳсин аст, вале бо баробари муваффақиятҳо дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Аксари сарчашмаҳо ба солҳои 1980–2015 тааллуқ доранд. Барои мукаммалӣ хуб мебуд аз пажуҳишҳои солҳои охир (пас аз 2020) низ истифода мешуд, то таҳқиқ бо вазъи кунунӣ бештар алоқаманд мегардид;

2. Дар автореферат хатоҳои имлоиву техникӣ низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии рисоларо паст намекунанд. Диссертант вазифаи дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст. Автореферати диссертатсияи илмии Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи “Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик” таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалиаш ба талаботи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Муқарриз:**


Номзади илми филология,
дотсент, мудири кафедраи иттилоот
ва технологияҳои робитавии МДТ-и
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Бобоҷонова Мутриба Султоновна
“02” сентябри соли 2025.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Исмоили Сомонӣ 52,
Тел: (+992) 92 952-30-09
E-mail: mbobojonova1987@mail.ru


Имзои Бобоҷонова Мутриба
Султоновнаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадр ва корҳои
махсуси МДТ-и “ДДХ ба номи
академик Б. Ғафуров” Сайдуллозода Заррина Сайдулло
“02” сентябри соли 2025.


Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
Тел: (+992) 928057007
E -mail: ddhkadr@mail.ru.tj